**ТАҚРИЗ БА АВТОРЕФЕРАТИ**

**диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Автореферати диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода, ки хеле мукаммал ва муназзам тартиб дода шудааст, аз рӯйи масъалагузорӣ, таҳлил, моҳият ва хулосабарории илмӣ ҷолиб буда, ба мавзуи муосир ва то ҳанӯз дар илми журналистикаи ватанӣ таҳқиқнашуда мебошад.

Дар автореферати диссертатсияи маълумоти комил ва фарогир оид ба таърих, ташаккул ва таҳаввули воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон оварда шудааст, ки аз заҳмат ва саҳми фардии муҳаққиқ дар омузиши мавзуъ дарак медиҳад. Боиси тазаккур аст, ки баррасӣ ва таҳқиқу таҳлили вижагиҳои журналистикаи соҳавӣ баъд аз таъкидҳои мунтазами Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раванди тоза гирифт. Дар ин замина, таҳқиқи Ҳамидиён И.И. ҷолиб ва ибратомӯз аст.

Таснифоти маводи гирдовардашуда ба гуруҳҳо тақсим гардида, дар ин самт муаллиф мақолаҳои мавзуиро таълиф кард ва дар конфронсҳои сатҳи гуногун бо маърузаҳои илмӣ баромад намудааст.

Автореферат нишон медиҳад, ки диссертатсия аз муқаддима, чаҳор боб, дувоздаҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Матни диссертатсия дар 381 саҳифа ҷой шуда, адабиёт 700 номгӯйро фаро мегирад.

Мо бо фаъолияти амалии довталаби дараҷаи илмӣ Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода хеле хуб шинос ҳастем. Муаллифи диссертатсия солҳои 2017-2023 дар вазифаҳои мудири шуъбаи кор бо ҷавонон, мудири шуъбаи таблиғот ва ташвиқот ва роҳбари Маркази матбуот ва таҳлилии Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Макази Ҳизби Халқии Демокаратии Тоҷикистон таҳти роҳбарии мо фаъолият намудааст. Кори ӯ ҳамеша намунавӣ сифат мегардид.

Инчунин, масъалагузорӣ дар диссертатсия ҳам аз лиҳози илмӣ ва ҳам амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Ба эътимодбахш будани натиҷаҳои таҳқиқ шубҳае нест. Тавре аз автореферат бармеояд, диссертант дар таҳқиқи мавзуъ, дараҷа ва

робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, таҳлили мақсади таҳқиқ, вазифа ва объекти таҳқиқ, собит намудани асосҳои назариявию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми бевосита гузоштааст.

Масъалаҳои асосии таҳқиқ бо машварати роҳбари илмӣ – академик Имомзода М.С. тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии муаллиф дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маъруза дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ пурра инъикос ёфтаанд.

Аз таҳқиқи Ҳамидиён И.И. бармеояд, ки дар низоми ҷаҳонии ахбори омма ВАО-и корпоративӣ яке аз навъҳои маъмул ба ҳисоб меравaнд. Интишори нашрияи худӣ ва ё нашру пахши телевизион ё радио ва доштани сомонаи хоса ҳамеша барои ширкатҳо як навъ эҳтиром ба худ, арҷгузорӣ ба арзишҳои корпоративӣ ва зарурати истеҳсолӣ дониста мешавад.

Ин навъи ВАО дар ҳар давру замон барои ҳимояи манфиати муассисаи худ талош мекарданд. Имрӯз бозори ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон ба қадри кофӣ рушд кардааст ва имкон медиҳад, ки хулосаҳои умумӣ дар бораи моҳият, шароит ва шаклҳои рушди онҳо натиҷагирӣ карда шавад. Афзоиши босуръати нашр ва паҳни ВАО-и корпоративиро метавон ба амалсозии самараноки маркетинги корпоративӣ рабт дод.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқро бо консепсияи умумии кор муайян менамояд, ки он мушаххас ва асоснок кардани вижагиҳои фаъолияти ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Хушоянд, ки сохтори автореферати Ҳамидиён И.И. ба талаботи кори илмӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Хулосаи автореферат маълум менамояд, ки диссертант ҷиддӣ ва пайгирона ба кори илмӣ машғул шуда, пешниҳоди воқеӣ менамояд.

Бо вуҷуди комёбиҳои зиёд, автореферат аз камбудиҳо орӣ нест.

1. Таҳлили маводи матбуоти иттиҳодиявии солҳои 60-70 камтар истифода шудааст, ҳарчанд дар ин бобат ишораҳо мавҷуданд.
2. Асоснokкунии илмии хулосаи 19-уми муаллифро ба манфиат медонем.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки ин эродҳо ҷузъӣ буда, автореферати диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқ мебошад.

**Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои**
**ҷамъиятӣ ва иттилоот, номзади илмҳои сиёсӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Фаттоҳзода С. С.**
*5 феврали 2025*

***Суроға:*** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 44
***Тамос:*** (+992) 909-99-30-94
***E-mail:*** fattoev2007@mail.ru

*"Имзои Фаттоҳзода С. С.-ро тасдиқ мекунам".*
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории**
**махсуси Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Сафарзода Ф.С.**
*5 феврали 2025*

ШЎЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ

***Суроға:*** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, х. Рӯдакӣ, 44
***Тамос:*** (+992) 37 2212366
***Сомона:*** https://parlament.tj/